«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
профессор Насриддинзода Э.С.
_____
аз «__» _____ 2026 с.

ХУЛОСАИ

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ба диссертатсияи Сабурзода Фаридуни Мирзоали дар мавзуи «Танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз).

Диссертатсияи дар кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Сабурзода Фаридуни Мирзоали докторант (PhD)-и кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Сабурзода Фаридуни Мирзоали соли 2013 ба ихтисоси молия ва қарз, гурӯҳи буҷавӣ, шуъбаи рӯзонаи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2018 ихтисоси мазкурро бо дипломи аълочӣ хатм намудааст. Пас аз хамти донишгоҳи номбурда соли 2019 барои идомаи таҳсил ба шуъбаи магистратура аз рӯйи ихтисоси молия ва қарз, гурӯҳи буҷавии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2021 зинаи мазкурро низ бо дипломи аълочӣ хатм намудааст.

Номбурда соли 2021 тибқи фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз санаи 5-уми ноябри соли 2021, №444-05 ба ҳайси докторанти фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050900 «Молия» қабул гардида, онро 9-уми августи соли 2024 хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатии худро соли 2024 ҳамчун ассистенти кафедраи молия ва суғуртаи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оғоз намуда, аз соли 2025 то ҳол ба ҳайси омӯзгори калони кафедраи молия ва суғуртаи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст. Инчунин, аз соли 2025 то ҳол ба ҳайси муовини декан оид ба тарбияи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Сабурзода Фаридуни Мирзоали дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз санаи 7-уми феврали соли 2022, протоколи № 07 тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмӣ: Иброҳимзода Илҳомуддин Раҷабалӣ - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии «Донишгоҳи славянии Тоҷикистон-Россия».

Мувофиқи нақшаи таълимии шуьбаи омодакунии кадрҳо ва кадрҳои илмӣ-педагогӣ, аз тарафи докторанти PhD 180 кредит аз худ шудааст ва имтиҳони маҷмӯиро аз рӯйи ихтисоси 6D050900–Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) бо баҳои 5 (аъло), дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон супоридааст.

Диссертатсияи Сабурзода Фаридуни Мирзоали дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба таври ошкоро санаи 28-уми январи соли 2026, протоколи №6/1 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудӣ ва пешниҳодҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи муҳокимаи диссертатсия дар мавзӯи «Танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир» чунин хулосаҳо бароварда шуд:

Тавсифи умумии таҳқиқот

Баҳои кори иҷрошуда. Танзими молиявӣ унсури асосии сиёсати иқтисодии давлат мебошад, ки ба таъмини субот ва рушди устувори низоми молиявӣ нигаронида шудааст. Мушкилоти муосири иқтисоди ҷаҳонӣ, дараҷаи баланди номуайянӣ ва пайвастагии афзояндаи бозорҳои молиявӣ аз нав дида баромадани асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули танзими самараноки молиявиро тақозо мекунанд. Ҳамазмон, дар ин ҳошия, бояд қайд намуд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ, рақамикунонии иқтисод ва дигаргуниҳои доимии бозорҳои молиявӣ боз ҳам зарурати таҳқиқ ва таҳкими асосҳои назариявӣ ва методологии танзими бахши молиявӣ меафзояд. Ин пеш аз ҳама, имкон медиҳад, ки на танҳо самаранокии механизмҳои мавҷуда зиёд карда шавад, балки онҳо ба талаботи муосир мутобиқ карда шаванд. Танзими молиявӣ маҷмуи тадбирҳоеро дар бар мегирад, ки давлат барои идоракунии гардиши молиявӣ, таъмини суботи молиявӣ, маҳдуд кардани хавфҳо ва кам кардани оқибатҳои манфии буҳронҳои молиявӣ андешида мешавад. Бисёр мактабҳои иқтисодӣ ва назарияҳои илмие мавҷуданд, ки тафсирҳои гуногуни механизмҳои танзими молиявиро пешниҳод мекунанд. Такмили самтҳои танзими молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ ҷанбаи муҳими нигоҳдории рушди устувори иқтисодӣ ва ҳамгироӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ кишвар бо чолишҳои гуногун, аз қабили ноустувории иқтисодӣ, буҳрони молиявӣ, рақобати байналмилалӣ ва зарурати баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои миллӣ рӯ ба рӯ шудааст. Аз ин лиҳоз, такмили танзими молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ба яке аз вазифаҳои муҳимтарини аксари кишварҳои рӯ ба тараққӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфтааст. Маврид ба зикр аст, ки дар даҳсолаҳои охир ҷаҳон дигаргуниҳои амиқи иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоиро аз сар мегузаронад, ки дар натиҷаи ҷаҳонишавӣ ба вуҷуд омадааст. Ин равандҳо ба тамоми соҳаҳои иқтисодиёт, аз ҷумла ба низоми молиявӣ низ таъсир мерасонанд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, кишвари дорои иқтисоди рӯ ба

тараққӣ, танзйми муоссири молиявӣ василаи муҳими таъмини суботи иқтисодӣ, баланд бардоштани қолибияти сармоягузорӣ ва амнияти иҷтимоӣ меғардад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар асоси истифодаи сарчашмаҳои боэътимоди иттилоотӣ, аз ҷумла маълумоти расмии оморӣ, ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва маводи таҳлилии илмӣ таъмин карда мешавад. Дар раванди таҳқиқот инчунин маҷмуи усулҳои илмӣ, аз қабили таҳлили системавӣ, муқоисавӣ, иқтисодӣ-математикӣ ва усулҳои оморӣ ба кор бурда мешаванд. Илова бар ин, мувофиқати натиҷаҳо бо корҳои илмии муҳаққиқони дохилӣ ва хориҷӣ ҳамчун омили муҳими баланд бардоштани сатҳи эътимоднокӣ арзёбӣ мегардад.

Мақсади тадқиқот коркарди асосҳои назариявию методии танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи механизмҳои самараноки такмили он дар шароити муосири рушди муносибатҳои иқтисодӣ мебошад.

Навигариҳои илмии таҳқиқот. дар таҳияи равишҳои муосири танзими молиявии рушди иқтисодиёт ифода меёбад. Дар ҷараёни таҳқиқот усулҳои мавҷудаи танзими молиявӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, самаранокии татбиқи онҳо дар шароити кунунии иқтисодӣ ҳамаҷониба таҳлил ва арзёбӣ шудаанд. Ҳамзамон, роҳҳои такмили механизми танзими молиявӣ ҷиҳати таъмини рушди иқтисодиёт асоснок гардида, пешниҳодҳои дахлдор таҳия шудаанд. Натиҷаҳои бадастомада, ки навгонии илмии тадқиқотро инъикос менамоянд, ба таври зерин ҷамъбаст мегарданд:

- дар асоси таҳлили назарияҳои илмӣ ва омӯзиши таҷрибаи мавҷуда равишҳои асосии ташаккули низоми танзими молиявӣ ва механизмҳои амалисозии он муайян карда шуданд. Ҳамчунин, дидгоҳи муаллиф оид ба моҳияти иқтисодии танзими молиявӣ бо такя ба тадқиқи ҷанбаҳои назариявии масъала асоснок ва пешниҳод гардидааст. Дар натиҷаи таҳлили равишҳои гуногун таърифи муаллифии зерин пешниҳод гардидааст: «танзими молиявӣ ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати иқтисодии давлат буда, ба таъмини устувории низоми молиявӣ, пешгирии буҳронҳо ва тақсимоти самараноки захираҳои молиявӣ мусоидат менамояд»;

- принсипҳо ва усулҳои асосии низоми танзими молиявии рушди иқтисодиёт муайян ва таҳлил гардида, механизмҳои татбиқи онҳо мушаххас шарҳ дода шудаанд. Инчунин, илман собит карда шудааст, ки татбиқи дурусти принсипҳои зикршуда ва истифодаи оқилонаи воситаҳои гуногуни танзими молиявӣ барои баланд бардоштани самаранокии идоракунии иқтисодӣ, коҳиш додани хавфҳои эҳтимолӣ ва фароҳам овардани заминаи мусоид барои рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ мусоидат менамояд;

- дар асоси таҳлили комплексии нишондиҳандаҳои оморӣ вазъи муосир ва тамоюлҳои асосии танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, шаклҳо ва фишангҳои асосии таъсиррасонии молиявӣ ба бахшҳои иқтисоди миллӣ тавсиф ва баррасӣ шудаанд. Ҳамчунин, асосҳои институтсионалии низоми танзими молиявӣ

дар шароити муосир илман асоснок гардида, натиҷаҳои таҳлил собит сохт, ки танзими давлатии молиявӣ дар кишвар дорои тамоюли мусбат ва пешрафти муайян мебошад, аммо ҳамоно бо мушкилоти марбут ба баланд бардоштани сатҳи шаффофият, тақвияти институтҳои молиявӣ ва рушди бозорҳои молиявӣ рӯ ба рӯ аст;

- самтҳои афзалиятноки такмили низоми танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти шароити кунунӣ муайян ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, барои татбиқи амалии онҳо маҷмуи механизмҳои мушаххас таҳия ва пешниҳод гардидааст. Ҳамзамон, самтҳои афзалиятноки такмили механизми танзими молиявӣ ва дурнамои рушди он мавриди асосноккунии илмӣ қарор гирифтаанд. Натиҷаҳои тадқиқот зарурати ташаккули низоми молиявии боэътимод, шаффоф ва чандирро собит менамоянд, ки метавонад ҳифзи манфиатҳои сармоягузоронро таъмин намуда, баҳри рушди устувори иқтисоди миллӣ шароити мусоид фароҳам оварад.

Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

- консепсияи илмии низоми танзими молиявӣ таҳия гардида, моҳияти иқтисодӣ ва механизмҳои амалисозии он муайян карда шудаанд.

- муқаррар карда шудааст, ки принсипҳо ва усулҳои танзими молиявӣ ҳамчун унсурҳои асосии таъмини рушди иқтисоди миллӣ баромад намуда, самаранокии онҳо аз хусусиятҳои муҳити иқтисодӣ ва институтсионалӣ вобаста мебошад.

- собит шудааст, ки рушд ва такмили минбаъдаи механизми танзими молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба таҳкими суботи макроиқтисодӣ, истифодаи оқилонаю самараноки захираҳои молиявӣ ва афзоиши имкониятҳои рушди босуръати иқтисоди миллӣ замина мегузорад.

- модели илмии такмили механизми танзими молиявии рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, роҳҳои оптимизатсия ва дурнамои рушди он пешниҳод гардидаанд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Хулоса ва тавсияҳои дар кори илмӣ овардашуда метавонанд ҳангоми таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи бахши молия ва соҳаҳои мушаххаси фаъолияти иқтисодӣ истифода гарданд. Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳияи консептуалӣ, ташаккули моделҳои мутобиқшудаи идоракунии иқтисодиёт ва таҳкими заминаи институтсионалӣ ниҳон мебошад. Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ ин тавсияи механизмҳои самаранокии танзими молиявӣ ба фаъолияти амалии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки милли Тоҷикистон нигаронида шуда, инчунин, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ҳангоми омӯзиши курсҳои «Молия», «Танзими давлатии молиявӣ», «Идоракунии молияи давлатӣ», «Назорати давлатии молиявӣ» ва ғайра мавриди истифода қарор гирифта метавонанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи мазкур аз ҷониби вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон,

барои истифода пешниҳод шуда, санад оид ба татбиқи амалии онҳо мавҷуд аст.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Таҳқиқот дар доираи муҳтавои бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси илмии 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) иҷро карда шудааст: 1.1. Равандҳои методологию ташкилии ташаккулёбии низоми молиявӣ; 1.2. Сохторҳои низоми молиявӣ ва мақомоти идоракунии низоми молиявӣ; 1.3. Назария ва методологияи таъсири низоми молиявӣ ба натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ; 1.5. Ниҳодҳои молиявӣ: назария, методология, қонуниятҳои рушд ва такмили идоракунӣ; 2.2. Танзими молиявии равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ; 2.7. Асосҳои консептуалии муносибатҳои байнибуҷетӣ ва танзими буҷетӣ; 2.10. Назария ва таҳлили низоми молияи давлатӣ; 2.14. Маблағгузории равандҳои сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ; 2.16. Сиёсати буҷетию андозии давлат дар иқтисоди бозорӣ; 11.7. Танзими давлатии ниҳодҳои қарзию молиявӣ.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Пеш аз ҳама саҳми шахсии муаллиф дар асоснок намудани ҷанбаҳои назариявию методологии низоми танзими молиявӣ, механизмҳо, принсипҳо, усулҳои асосӣ ва такмили ҷамбаҳои институтсионалии танзими молиявӣ назаррас мебошад. Муаллиф танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар шароити муосир таҳқиқ намуда, тамоюлҳои асосии танзими молиявии рушди иқисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷанбаҳои институтсионалии танзими молиявиро шарҳ дода, самтҳои асосии беҳдоши танзими молиявиро барои рушди устувори иқисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар чорабиниҳои зерин мавриди муҳокима қарор гирифта, баҳои мусбат гирифтаанд: Семинарҳои илмӣ-назариявӣ ва мизҳои мудаввари кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (солҳои 2021-2026); конфронси ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Масоили тақвияти фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ», Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (12-уми марти соли 2025); конфронси байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Национальные экономические системы в контексте трансформации глобального экономического пространства», Крымский инженерно-педагогический университет имени Февзи Якубова (27 марта 2023); конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Танзими молиявии рушди босуботи инноватсиониву индустриалии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ», Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (1-уми октябри соли 2024) ва ғайра.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 9 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда, ки 164 номгӯйро дар бар мегирад, 14 расм, 18 ҷадвал ва 6 диаграмма иборат мебошад. Кори

диссертатсионӣ дар маҷмуъ 197 саҳифаи чопии компютериро фаро гирифтааст.

Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022–2026, Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (барои солҳои 2016-2024), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи идоракунии молияи давлатӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки Милли Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти сармоягузорӣ», «Кодекси андоз дар таҳрири нав», маҷмуи барномаҳо ва стратегияҳои соҳавӣ ба таври мустақим алоқамандӣ дорад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи корҳои илмӣ–таҳқиқотии кафедраи молия ва суғуртаи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 иҷро гардидааст.

Мавҷудияти санади тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли муқаррароти ҷудогона аз ҷониби Муассисаи давлатии «Маркази такмили ихтисоси кормандони мақомоти молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»-и Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (санади татбиқ аз 23.09.2025 с., №22) мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ҳамзамон, онҳо дар ҷараёни таълим дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (санади татбиқ аз 26.08.2025 с., №333-1/дс) тасдиқ ва татбиқ карда шудаанд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Вобаста ба маводи таҳқиқотшудаи диссертатсия 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки онҳо зиёда аз 6,4 ҷузъи чопиро дар бар мегиранд.

ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

[1-М]. Сабурзода Ф.М. Асосҳои назариявии танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ / Ф.М. Сабурзода, И.Р. Иброҳимзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2022 - №11 - С. 14-20, ISSN 2413-5151;

[2-М]. Сабурзода Ф.М. Танзими давлатии фаъолияти сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ф.М. Сабурзода, Ф.Н. Икромов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2020 - №10.1 - С. 76-80, ISSN 2413-5151;

[3-М]. Сабурзода Ф.М. Шакл ва усулҳои танзими молиявии иқтисодиёт дар шароити ҷаҳонишавӣ / Ф.М. Сабурзода // «Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон». – Душанбе, 2023 - № 4.2 (50) – С. 347-353, ISSN 2308-054X;

[4-М]. Сабурзода Ф.М. Механизмҳои асосии танзими молиявии иқтисодиёт дар шароити имрӯза / Ф.М. Сабурзода // Паёми «Молия ва иқтисод»-и Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. – Душанбе, 2024 - № 4.2 (43) – С. 563-570, ISSN 2663-0389;

[5-М]. Сабурзода Ф.М. Нақши буҷети давлатӣ дар танзими молиявии иқтисодиёт / Ф.М. Сабурзода // «Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон». –Душанбе, 2024 - № 4.1 (54) – С. 250-257, ISSN 2308-054X;

[6-М]. Сабурзода Ф.М. Ҳолати муосири танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ / Ф.М. Сабурзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2024 - №4.2 - С. 80-87, ISSN 2413-5151;

[7-М]. Сабурзода Ф.М. Қарзи давлатӣ ҳамчун воситаи танзими молиявии иқтисодиёт: таҳлил ва оқибатҳои он / Ф.М. Сабурзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2025 - №2 - С. 203-211, ISSN 2413-5151.

II.Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаи маводи конфронсҳо:

[8-М]. Сабурзода, Ф.М. Усулҳои танзими молиявии иқтисодиёт дар асоси Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 / Ф.М. Сабурзода // Конфренсияи байналхалқии илмию амалӣ дар мавзуи «Амалисозии ҳадафҳои рушди устувор: таҷрибаи хориҷӣ ва миллӣ», Душанбе, 13-уми октябри соли 2020 – С. 669-674, ISBN 978-99975-77-54-2;

[9-М]. Сабурзода Ф.М. Финансовые механизмы регулирование экономических процессов в современных условиях Республики Таджикистан / Ф.М. Сабурзода, У.А. Шарипов // Сборник научных трудов. Национальные экономические системы в контексте трансформации глобального экономического пространства, г. Симферополь: Крымский инженерно-педагогический университет имени Февзи Якубова, 27 марта 2023 года– С. 617-620, ISBN 978-5-907656-71-0;

[10-М]. Сабурзода Ф.М. Танзими давлатии молиявии баъзе равандҳои иқтисодӣ дар кишвар / Ф.М. Сабурзода // Семинари байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба «Рӯзи кормандони мақомоти молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар мвзуи «Такмили низоми молиявию қарзӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ», Душанбе, 7-уми декабри соли 2023 – С. 131-142, ISBN 978-99985-46-04-2;

[11-М]. Сабурзода Ф.М. Таҳавулоти назариявии танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ / Ф.М. Сабурзода // Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Танзими молиявии рушди босуботи инноватсиониву индустриалии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ», Душанбе, 1-уми октябри соли 2024 – С. 102-108;

[12-М]. Сабурзода Ф.М. Моҳият ва хусусиятҳои асосии танзими молиявии иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ф.М. Сабурзода, Н.А. Давлатов // Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Танзими молиявии рушди босуботи инноватсиониву индустриалии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ», Душанбе, 1-уми октябри соли 2024 – С. 108-117;

[13-М]. Сабурзода Ф.М. Буҷети давлатӣ ҳамчун механизми асосии танзими молиявии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ф.М. Сабурзода // Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Масоили тақвияти фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ», Душанбе, 12-уми марти соли 2025– С. 432-440, ISBN 978-99985-36-54-8.

Пас аз шунидан муҳокимаи диссертатсия дар ҷаласаи ғайринавбатии васеи кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон чунин

Қарор қабул кард:

1. Диссертатсияи Сабурзода Фаридуни Мирзоалӣ дар мавзуи «Танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 –Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) таҳқиқи анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Сабурзода Фаридуни Мирзоали дар мавзӯи «Танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 –Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-126 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

3. Аз шурои диссертатсионии 6D.КОА-126 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон хоҳиш ба амал оварда мешавад, ки қарори кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро ба инобат гирифта шавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур дар маҷлис 22 нафар иштирок доштанд, аз онҳо 21 нафар дорои ҳуқуқи овоздиҳӣ буданд. Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст: «Тарафдор» – 21 нафар, «Зид» – 0 - нест, «Бетараф» – нест.

Раиси ҷаласа:
н.и.и., дотсенти кафедраи
молия ва суғуртаи ДМТ Гулаков У.М.

Котиб ҷаласа:
н.и.и., дотсенти кафедраи
молия ва суғуртаи ДМТ Саидова М.Ҷ.

Дурустии имзои раиси ҷаласа Гулаков У.М. ва котиби илмӣ Саидова М.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.

«28» 01 2026 с.